«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон н.и.и., дотсент Абдуалимзода Ҳ.А.
______________ аз
«28» 09 2023с.

**НУСХА АЗ СУРАТҶАЛАСАИ №2/1**

**ҷаласаи якҷояи кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

аз «28» сентябри соли 2023 ш.Душанбе

**Раис:** Урунбоев Абдумухтор - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедраи таҳлили иқтисодии ДДМИТ

**Котиб:** Хоҷаев Бахтиёр Бобораҷабович - номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи фаъолияти бонкии ДДМИТ

**Иштирок карданд:** д.и.и., профессор Хушвахтзода Қ.Х., д.и.и., профессор Иброҳимзода И.Р., н.и.и., дотсент Урунбоев А., н.и.и., дотсент Қодиров Ф.А., н.и.и., дотсент Ғафуров Ғ.С., н.и.и., дотсент Мирзоева Е.Ш., н.и.и., дотсент Шодиев К.Қ., н.и.и., дотсент Муслихова Т.Т. н.и.и., дотсент Махшулов С.Ҷ., н.и.и., дотсент Ҳомидов А.У., н.и.и., дотсент Давлатов Х.М., н.и.и., дотсент Бобомуродов Б.Э., н.и.и., дотсент Тилабов Ё.Э., н.и.и., дотсент Саидов Р.Н, н.и.и., дотсент Шоасалов Н.Қ. н.и.и., м.к. Хоҷаев Б.Б., н.и.и., м.к. Олимов Д.А., муаллимони калон: Ҳакимов С.Н., Сафаров И.Н., ассистентон: Абдулхайров Ф.М., Файзализода М.М., Саёраева Р.Ш.

Аз Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и ДДМИТ иштирок доштанд: д.и.и., профессор Шарипов Б.М., н.и.и., дотсент Сафаров Б.Г., н.и.и., дотсент Убайдуллоев Ф.К.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Муҳокимаи рисолаи диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Оев Анис Давлатович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт.

**Муқарризон:** Академики АБН ФР, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, декани факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – Иброҳимзода И.Р.;

-номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон – Махшулов С.Ҷ.;

-номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон – Шодиев К.Қ.

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Оев Анис Давлатович баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳимият ва рӯзмарагӣ, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии рисолаи номзадии худ маълумот дода, аз ҷумла қайд намуд, ки дар шароити имрӯзаи иқтисоди бозорӣ маҷмӯи муносибатҳои молиявиро ба фаъолияти бонкҳо, бинобар нақши онҳо дар рушди иқтисодиёт ва бозингари асосии бозори молиявӣ буданашон, ҳамрадиф медонанд. Таззодҳое, ки садди роҳи рушди фаъолияти бонкҳо мегарданд, зарӯрати идоракунии онҳоро, ба монанди хавфҳои бонкию молиявӣ ба миён мегузорад. Дар шароити кунунии буҳрони молиявӣ хавфи қарзӣ, яке аз асоситарин хавфҳои молиявии ташкилотҳои қарзии мамлакат ба ҳисоб меравад ва аз ин ҳисоб чандин бонкҳои низомсоз ва дигар ба буҳрон рӯ ба рӯ шуда, муфлис гардиданд, ки яке аз сабабҳои муфлисгардии бонкҳо ин нодуруст идора намудани сохтори тавозуни муҳосибӣ ва пешгирӣ накардан аз хавфҳо бахсус хавфҳои қарзӣ мебошад, ки мақсади асосии интихоби мавзуи мазкур низ маҳз аз ин буд.

Дар ҳар гуна шароит талабот ба қарз ва дастрасӣ ба сармоягузории қарзӣ вуҷуд дорад ва дар баробари ин омили ба ин раванд таъсиррасон, ки мубрамии мавзуи таҳқиқотро муайян менамояд, таҳлили хавфи қарзӣ мебошад. Дар айни замон, вобаста ба шароити иқтисодии кишвар, ки равиши махсусгардонидашудаи таҳлил ва баҳодиҳии хавфҳои қарзиро дар шароити муосири низоми бонкӣ талаб менамояд, ҳалли муаммои ҷойдошта бо роҳи мукаммалгардонии низоми идоракунии он мақсади асосӣ ба шумор меравад.

Дар ҷараёни маҷлис аз ҷониби иштирокчиён д.и.и., профессор Шарипов Б.М., д.и.и., профессор Иброҳимзода И.Р., н.и.и., дотсент Убайдуллоев Ф.К., н.и.и., дотсент Ғафуров Ғ.С., н.и.и., дотсент Махшулов С.Ҷ., н.и.и., дотсент Шоасалов Н.Қ., муаллими калон Ҳакимов С.Н., ассистентон Абдулхайров Ф.М. ва Файзализода М.М. ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Оев Анис Давлатович ҷавобҳои мукаммал дод.

Баъдан роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт баромад

намуда, оиди фаъолияти педагогӣ ва илмии Оев Анис Давлатович суханрони намуда, иброз доштанд, ки унвонҷӯ қобилияти баланди эҷодӣ дошта, рисолаи мазкур ҳамчун кори анҷомёфтаи илмӣ ба ҳисоб меравад ва мавзуи он барои татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат менамояд. Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мутобиқат мекунад ва барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад ва аз иштирокчиёни ҷаласа хоҳиш намуданд, ки онро дастгирӣ намоянд.

Сипас, Иброҳимзода И.Р., академики АБН ФР, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, декани факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Махшулов С.Ҷ. номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Шодиев К.Қ. номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон баромад намуда, рисоларо ҳамчун кори илмии анҷомёфта ба ҳимоя тавсия доданд.

Дар муҳокимаи диссертатсияи мазкур, инчунин д.и.и., профессор Шарипов Б.М.., н.и.и., дотсент Убайдуллоев Ф.К. н.и.и., дотсент Ғафуров Ғ.С., н.и.и., дотсент Бобомуродов Б.Э., н.и.и., дотсент Мирзоева Е.Ш., баромад намуда, тавсияҳои илмӣ-таҳқиқотии худро барои дар оянда истифода намудани унвонҷӯй пешниҳод намуданд.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқотро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқоту баррасии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Қайд карда шуд, ки Оев Анис Давлатович муҳаққиқи ҷавони кордон, боинтизом ва пурмасъул буда, муаллифи чандин таълифоти илмӣ, иштирокчии як қатор конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалию ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ мебошад.

Ҳамзамон баромадкунандагон тавсияву пешниҳодҳои худро ҷиҳати мушаххасу возеҳтар баён намудани нуқтаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар таҳлил, баҳодиҳӣ ва идоракунии хавфҳои қарзӣ дар низоми бонкии малакат саҳми назаррас мегузорад, қайд намуданд, ки баъдиислоҳи камбудиҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои баррасӣ дар Шурои диссертатсионии дахлдор тавсия карда шавад.

Оев Анис Давлатович ба эродҳои бармадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласаи якҷояи кафедраҳо қарор қабул кард:**

1.Диссертатсияи Оев Анис Давлатович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, таҳқиқоти анҷомёфта ҳисобида шавад.

2.Диссертатсияи Оев Анис Давлатович дар мавзуи «Такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон барои баррасӣ тавсия дода мешавад.

3.Қарори якҷояи кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва кафедраи фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз « 28» сентябри соли 2023, суратҷаласаи №2/1 тасдиқ карда шавад.

Дар ҷаласаи якҷояи кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва фаъолияти бонкии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон иштирок доштанд: ҳамагӣ -25 нафар, аз онҳо бо ҳуқуқи овоздиҳӣ -15 нафар. Аз ҷумла, д.и.и., профессорон – 3 нафар, номзадони илм – 12 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 15 нафар, муқобил - нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент
и.в. мудири кафедраи
таҳлили иқтисодии ДДМИТ — Урунбоев А.

**Котиби ҷаласа:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими
калони кафедраи фаъолияти бонкии
ДДМИТ — Хоҷаев Б.Б.

Дурустии имзоҳои А. Урунбоев ва
Б.Б. Хоҷаевро тасдиқ мекунам:

**Сардори шуъбаи кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДДМИТ** — Шарипов У.А.
«29» 09 соли 2023

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ